Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

1 марти соли 2025
Шанбе
№ 18 (15133)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕИ БАРОИ ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛАН СУДМАНД ДАР СОҲАИ СОХТМОН ҚАЙД ГАРДИДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати Федератсияи Русияро таҳти сарварии муовини Раиси Ҳукумати кишвар Марат Хуснуллин қабул кард.***



Дар оғози мулоқот меҳмони воломақом ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва беҳтарин таманниёти Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ва Раиси Ҳукумати кишвар Михаил Мишустинро расонд.

Масъалаҳои тавсеаи ҳамкории амалии мутақобилан судманд, аз ҷумла дар соҳаи саноати сохтмон ва рушди ҳудудҳо дар доираи татбиқи созишномаҳои дар ҷараёни сафари давлатии роҳбари Русия ба Ӯзбекистон моҳи майи соли гузашта бадастомада баррасӣ шуданд.

Ба густариши кооператсияи васеъмиқёс дар бахши сохтмон таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Сухан дар бораи иштироки ташкилотҳо ва ширкатҳои ҳар ду кишвар дар тарҳрезӣ ва сохтмони иншооти инфрасохторӣ, таъмини маводи сохтмон ва таҷҳизот дар доираи барномаҳои амалишавандаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо меравад.

Зарурати идомаи мубодилаи таҷриба дар соҳаҳои сохтмони саҳмиявӣ, тарҳрезӣ, экспертиза, рақамикунонӣ ва гузаронидани харидҳои давлатӣ таъкид гардид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# МУБОРАКБОДӢ БА МАРДУМИ ӮЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Пеш аз ҳама, самимона, аз таҳти дил, шумо, азизони ман, тамоми мусулмонони мамлакат ва тамоми халқамонро бо фаро расидани моҳи муқаддаси Рамазон – моҳи меҳру саховат, накӯкорӣ ва шафқат табрик менамоям.

Дар ин рӯзҳои шариф мо ба Офаридгор барои он ки ин моҳи дурахшонро якҷоя бо халқамон дар фазои сулҳ ва осоиш истиқбол менамоем, шукри беҳад мекунем.

Имрӯз мо бо мисолҳои фаровон дида метавонем, ки ислоҳотамон дар тамоми ҷанбаҳо ва соҳаҳо дар асоси ғояи волои **«Ба хотири шараф ва қадр, ба хотири хушбахти инсон»** дар ҳамоҳангӣ бо моҳияти инсонпарварии дини муқаддаси ислом ба амал татбиқ мегарданд.

Аз он ҷумла, бояд таъкид кард, ки кӯшишамон, ки ба баланд бардоштани самаранокии низоми ҳимояи иҷтимоӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи беморон, ногироҳо, солхӯрдагон ва ниёзмандон, ҷавонон ва занон, шаҳрвандонамон дар хориҷи кишвар, пурзӯр намудани эътибор ба таълим ва тарбияи фарзандонамон, ободонии маконҳои зиёратӣ ва муқаддас нигаронда шудааст, ҳарчи бештар вусъат пайдо мекунад.

Идомаи муттасили корҳои дар ин самт оғознамудаамон, мисли гавҳараки чашм ҳифз намудани ҳаёти осуда ва шукуфон дар мамлакат, фазои мусолиҳаи байнимиллӣ ва байнидинӣ минбаъд низ дар маркази эътиборамон қарор хоҳанд гирифт.

Дар ин моҳи фараҳафзо, вақте ки тамоми ниятҳои пок ҷомаи амал мепӯшад, мо дар ибодатҳои худ самимона хостгори он ҳастем, ки ҷангу ихтилофҳо, муқовимат ва низоъ дар минтақаҳои гуногуни сайёра қатъ гарданд, сулҳ, эҳтироми ҳамдигар, меҳрубонӣ ва ҳамкорӣ дар тамоми рӯи замин пойдор гардад.

Тамоми бародарони мусулмон, дӯстон ва шариконамонро бо оғози моҳи Рамазон табрик намуда, ба мамлакат ва халқҳои онҳо сулҳу фараҳмандӣ ва шукуфоиро таманно дорем.

Ҳамватанони азиз!

Бори дигар шумо, азизонамро, ки бо шодмонии бузург Рамазонро дар муҳити оила ва қарибон пешвоз мегиред, табрик намуда, барои ҳамаатон тансиҳатӣ, хушбахтӣ, некрӯзӣ ва барои хонаводаатон фаровонӣ орзу дорам.

Бигзор, Офаридгор дуоҳо, корҳои хайр ва амалҳои неки моро дар ин моҳи муқаддас мустаҷоб гардонад!

Бигзор, орзу ва азм, умедҳои неки халқамон ҷомаи амал пӯшад!

Ҳамаатонро бо моҳи Рамазон табрик менамоям!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ПЕШНИҲОДОТ ОИД БА ЛОИҲАҲОИ ШАРИКИИ ДАВЛАТИВУ ХУСУСӢ ТАҚДИМ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 28 феврал бо тақдимоти ташкили босамари лоиҳаҳои шарикии давлативу хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ шинос гардид.***

Дар мамлакатамон ислоҳоти доманфарох бобати кам кардани иштироки давлат дар иқтисодиёт татбиқ мегардад. Қонун «Дар бораи шарикии давлативу хусусӣ», ки соли 2019 қабул шудааст, барои ин имконоти васеъ фароҳам овард.

Чунин шарикӣ дар соҳаи иҷтимоӣ низ натиҷаҳои хуб мебахшад. Аз он ҷумла, ба туфайли кушодани кӯдакистонҳои хусусӣ барои 1,2 миллион нафар фарогирӣ бо таълими томактабӣ то 77 фоиз расид. Дар доираи 57 лоиҳа дар соҳаи таълими олӣ дар хобгоҳҳо 29 ҳазор донишҷӯ соҳиби ҷой гардид. Дар соҳаи тиббиёт сектори хусусӣ саҳми назаррасро дар ҷанбаҳои стоматология, оториноларингология, корҳои ташхисӣ, лабораторӣ ва дигар хидматрасонӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

Сарфи назар аз муваффақиятҳо, дар ин соҳа талаботи зиёд боқӣ мондааст ва барои рушд кардан захираҳои зиёд мавҷуд мебошад. Зимни тақдимот пешниҳодот оид ба вусъат додани шарикии давлативу хусусӣ дар тиббиёт, таълим, маданият ва варзиш баррасӣ гардиданд.

Чорабиниҳо бобати татбиқи 5 лоиҳа ба қимати 1,2 миллиард доллар дар тандурустӣ, 6 лоиҳа ба қимати 745 миллион доллар дар таълими томактабӣ ва мактабӣ, лоиҳаҳо ба қимати 100 миллион доллар дар таълими олӣ якҷоя бо Бонки осиёии рушд, Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ, Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо ва дигар шарикон мушаххас карда шуданд.

Аз он ҷумла, сохтмони клиникаҳои бисёрсоҳаи замонавӣ дар Тошканд, Фарғона, Бухоро, Андиҷон ва Самарқанд пешбинӣ мегардад. Хидматрасонии поликлиникаҳои марказии минтақаҳое, ки бо фаъолияти тиббиёт алоқаманд нестанд, ба сектори хусусӣ гузаронида мешаванд.

Инчунин масъалаҳои ҷалб намудани сектори хусусӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият дар соҳаҳои маданият ва варзиш баррасӣ гардиданд. Ҳоло ҳозир 43 маркази маданият аллакай ба идораи хусусӣ дода шуда, имкони боз 127 объектро супоридан вуҷуд дорад.

Ногузирии бо чунин тарз таҷдид намудани ҳавзҳои истифоданашаванда, толор ва майдонҳои варзишӣ бо васеъ намудани хидматрасонии солимгардонӣ таъкид шуд. Бо ин мақсад пешниҳод гардид, ки тартиби додани объектҳои маданӣ ва варзишӣ ба шарикони хусусӣ сода карда шавад.

Роҳбари давлат ба вазоратҳои соҳаи иҷтимоӣ ва ҳокимиятҳо супориш дод, ки «нақшаҳои роҳ» дар қисмати объектҳо тасдиқ ва татбиқ гардида, лоиҳаҳои шарикии давлативу хусусӣ тезонда шавад.

**ЎзА.**

*Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ ТАЪСИСИ МЕДАЛИ ҶАШНИИ ХОТИРОТИИ «ИККИНЧИ ЖАҲОН УРУШИДАГИ ҒАЛАБАНИНГ 80 ЙИЛЛИГИ»

Ба муносибати таҷлили 9 Май – Рӯзи хотира ва қадр, инчунин 80-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги дувуми ҷаҳон дар соли 2025, бо мақсади эътибори хоса ва эҳтироми амиқ ба аҷдодони бузургамон, ки дар роҳи ҳимояи Ватан мардонавор ҷангидаанд, шаҳрвандони Ӯзбекистон, ки дар ғалаба саҳми бебаҳо гузоштаанд, иззату икроми сазовори собиқадорони ҷанги солҳои 1941-1945 ва фронти меҳнат:

1. Ба шарафи 80-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги дувуми ҷаҳон дар солҳои 1941-1945 медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» таъсис дода шавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки бо медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон – соҳибони медалҳои «Барои ғалаба бар Олмон дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва «Барои ғалаба бар Ҷопон», орден ва медалҳои дигар барои хидматҳои ҷанговарона дар солҳои ҷанг ё ки иштирокдорони Ҷанги дувуми ҷаҳон ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ки гувоҳномаи иштирокдори ҷанг ё гувоҳномаи ногирои ҷанги ватаниро доранд, инчунин, собиқадорони меҳнати ақибгоҳи фронт дар солҳои Ҷанги дувуми ҷаҳон, аз ҷумла, соҳибони медалҳои «Барои меҳнати шоиста дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои шуҷоати меҳнатӣ», «Барои ибрати шоиста дар меҳнат», ё ин ки иштирокдорони фронти меҳнат, ки дар бораи кор кардан дар вазифаи штатӣ аз рӯйи ҷалби озоди шаҳрвандон ба Қувваҳои Мусаллаҳ дар даври ҷанги солҳои 1941-1945 гувоҳнома доранд, мукофотонида шаванд.

3. Нуктаҳои зерин тасдиқ карда шавад:

Низом дар бораи медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» тибқи замимаи 1;

медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» ва тавсифи он мувофиқи замимаи 2, гувоҳнома ва тавсифи он тибқи замимаи 3.

4. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон якҷо бо Вазорати корҳои дохилӣ, Хидмати амнияти давлатӣ, Вазорати таъмини шуғл ва коҳиши камбизоатӣ, инчунин, Хазинаи нафақаи берун аз буҷаи назди Вазорати иқтисодиёт ва молия дар муҳлати ду ҳафта рӯйхати аниқи собиқадорон ва ногироён, иштирокдорони фронти меҳнати ҷанги солҳои 1941-1945-ро, ки бояд бо медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» мукофотонида шаванд, таҳия карда, ба Девони Вазирон пешниҳод намоянд.

5. Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

якҷо бо Бонки марказӣ ва Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Сувенир» дар муҳлати як моҳ омодасозии медалҳои ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» ва бланкаҳи гувоҳномаҳои онҳоро тибқи тартиби муқаррарӣ аз ҳисоби маблағҳои хазинаи захиравии Девони Вазирон таъмин созанд;

тартиби супоридани медалҳои ҷашнии хотиротӣ ва пардохти мукофотпулии якдафъаина, ки дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 19 феврали соли 2025 «Дар бораи рағбатноксозии иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон» таҳти рақами ФП-24 пешбинӣ шудааст, дар муҳлати ду ҳафта муқаррар намоянд.

6. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н.Арипов ва котиби Шӯрои бехатарии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон В. В. Маҳмудов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*25 феврали соли 2025.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ ДАР САТҲИ ШОИСТА ГУЗАРОНИДАНИ МОҲИ МУБОРАКИ РАМАЗОН

Дар солҳои охир дар кишвар оид ба таъмин намудани озодии виҷдон, ҳифз ва ба наслҳои оянда расонидани арзишҳо ва анъанаҳое, ки моҳияти инсонпарваронаи дини муқаддаси исломро таҷассум мекунанд, мустаҳкам намудани муҳити сулҳу оромӣ, ҳамоҳангии байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ, инчунин ҳамаҷониба дастгирӣ кардани шахсони камбизоат, ниёзманд ва маъюб корҳои васеъмиқёс анҷом дода мешаванд. Ин гуна корҳои хайрхоҳона хусусан дар моҳи муборакӣ Рамазон боз ҳам равшантар инъикос меёбанд.

Бо мақсади истиқболи шоиста ва дар сатҳи баланд баргузор намудани моҳи Рамазон, ки аз қадимулайём барои халқи мо рамзи меҳрубонӣ ва раҳмдилӣ, саховатмандӣ ва бузургворӣ маҳсуб меёбад:

**1.** Маълумоти Идораи мусалмонони Ӯзбекистон дар бораи мувофиқ омадани оғози моҳи муборакӣ Рамазони соли 2025 ба санаи 1 март ба назар гирифта шавад.

**2.** Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Кумитаи корҳои дин, Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ, Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон, Бунёди дастгирии фаъолияти ҷамъиятии собиқадорони Ӯзбекистон «Нуроний» ва дигар ташкилотҳои ҳамкор супориш дода шавад, ки дар минтақаҳо чораҳои татбиқи моҳи Рамазонро **мутобиқи анъана ва арзишҳои миллӣ амалӣ** намоянд.

Дар ин моҳи муборак, дар асоси ғояи **«Рамазон – моҳи саховат, ваҳдат ва фароҳдилӣ»**, ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи махсус дода шавад:

дастгирии ташаббусҳо ҷиҳати кумакрасонӣ ба шахсони ниёзманд ва ҷавононе, ки ба донишомӯзӣ ва маърифат талош мекунанд;

мустаҳкам намудани риштаҳои оилавӣ, таҳкими муҳити ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимод дар маҳаллаҳо, инчунин шарафмандгардонии арзишҳое, ба мисли эҳтиром, раҳмдилӣ ва инсонпарварӣ;

ҳифзи муҳити зист, ободонии маконҳои муқаддаси зиёрат ва ибодат, қабристонҳо, шинонидани ниҳолҳо, инчунин риояи тадбир ва пешгирии исрофкории нолозим дар чорабиниҳое, ки бо моҳи Рамазон марбутанд.

**3.** Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Оҷонси иттилоотии миллии Ӯзбекистон ва дигар воситаҳои ахбори омма тавсия дода мешавад, ки чорабиниҳои вобаста ба моҳи Рамазонро ба таври васеъ инъикос намоянд.

**4.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Р. Қ. Давлетов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*27 феврали соли 2025.*

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

Ба муносибати фаро расидани моҳи муқаддаси Рамазон, ки моҳи поксозии маънавӣ ва азму кӯшиш ба амалҳои нек, истиқрори хайру саховат дар ҷамъият, таҳаммулпазирӣ ва меҳру оқибат барин фазилатҳои нек ба ҳисоб рафта, барои тамоми мусулмонони ҷаҳон муқаддас ба шумор меравад, ба номи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз сарони мамлакатҳои хориҷӣ, роҳбарони ҳукуматҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ табрикот мерасад.

Ҳамтоёни хориҷӣ дар табрикоти худ ба роҳбари давлатамон ва мардуми сермиллати мамлакатамон оромиву осоиштагӣ, фаровонӣ ва равнақ изҳор менамоянд.

Инҳо табрикоти худро ирсол намудаанд:

Подшоҳи Арабистони Саудӣ **Салмон бин Абдулазиз Ол Сауд**;

Валиаҳди Арабистони Саудӣ, Раиси Девони Вазирон **Муҳаммад бин Салмон бин Абдулазиз Ол Сауд**;

Президенти Амороти Муттаҳидаи Араб **Шайх Муҳаммад бин Зоид Ол Наҳаён**;

Ноиб-президенти Амороти Муттаҳидаи Араб, Сарвазир, ҳокими аморати Дубай **Шайх Муҳаммад бин Рошид Ол Мактум**;

Ноиб-президенти Амороти Муттаҳидаи Араб **Шайх Мансур бин Зоид Ол Наҳаён**;

Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб **Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ**;

Валиаҳди Давлати Кувайт **Сабоҳ Холид ал-Ҳамад ас-Сабоҳ**;

Подшоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун **Абдулло II**;

Султони Уммон **Ҳайсам бин Ториқ Ол Саид**;

Президенти Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир **Абдулмаҷид Теббун**;

Президенти Давлати Фаластин **Маҳмуд Аббос**;

Саркотиби Ташкилоти ҳамкории исломӣ **Ҳусайн Иброҳим Тоҳа**.

Расидани табрикот идома дорад.

# ЭЪТИРОФИ БАЛАНДИ САҲМ ДАР РУШДИ ИҶРОГАРИИ САНЪАТИ МИЛЛӢ

***Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Ғуломҷон Ёқубов, ки бо усули бетакрори иҷрогарӣ ва таронаҳои аҷоибаш маъруф гаштааст, соҳиби маҳбубияти мухлисони зиёд шудааст. Дар ин рӯзҳо ӯ 75-солагии худро ҷашн менамояд.***

Ба шарафи ин рӯйдод дар Қасри «Дӯстии халқҳо»-и пойтахт консерти калон бахшида ба рӯзи таваллуди ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон Ғуломҷон Ёқубов баргузор гардид.

Мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Хайриддин Султонов Фармони Президент Шавкат Мирзиёевро «Дар бораи мукофотонидани Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Ғуломҷон Ёқубов» қироат кард. Барои саҳми назаррасаш дар рушди иҷрогарии санъати миллӣ ва фаъолияти васеи ҷамъиятӣ ҳунарпеша бо ордени «Барои хидматҳои бузургаш» («Буюк хизматлари учун») мушарраф гардида буд.

Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева мукофотро ба ҳунарпеша супурд.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

(Аввалаш дар саҳ.1).

**Замимаи 1**
**ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**аз 25 феврали соли 2025 таҳти рақами ФП-32**

# НИЗОМ

## Дар бораи медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги»

1. Бо медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» (минбаъд – медали ҷашнии хотиротӣ) шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон – соҳибони медалҳои «Барои ғалаба бар Олмон дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва «Барои ғалаба бар Ҷопон», орден ва медалҳои дигар барои хидматҳои ҷанговарона дар солҳои ҷанг ё ки иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ки гувоҳномаи иштирокдори ҷанг ё гувоҳномаи ногирои ҷанги ватаниро доранд, инчунин, собиқадорони меҳнати ақибгоҳи фронт дар солҳои Ҷанги дувуми ҷаҳон, аз ҷумла, соҳибони медалҳои «Барои меҳнати шоиста дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои шуҷоати меҳнатӣ», «Барои ибрати шоиста дар меҳнат», ё ин ки иштирокдорони фронти меҳнат, ки дар бораи кор кардан дар вазифаи штатӣ аз рўйи ҷалби озоди шаҳрвандон ба Қувваҳои Мусаллаҳ дар даври ҷанги солҳои 1941-1945 гувоҳнома доранд, мукофотонида мешаванд.

2. Супоридани медали ҷашнии хотиротӣ аз номи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз ҷониби вазири мудофиа, вазири корҳои дохилӣ, раиси Хидмати амнияти давлатӣ, фармондеҳи Гвардияи миллӣ, раиси Кумитаи боҷхонаи назди Вазорати иқтисодиёт ва молияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, раиси Ҷўқорғи Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо, шаҳри Тошканд, ноҳия ва шаҳрҳо бо иштироки намояндагони мақомоти идораи ҳарбии маҳаллӣ, шўроҳои собиқадорони ҷанг ва меҳнат дар вазъияти тантанавӣ амалӣ мегардад.

Шахсе, ки ҳуқуқи гирифтани медали ҷашнии хотиротиро дорад, агар пас аз 1 январи соли 2025 вафот карда бошад, медал ба аъзои оила ў супорида мешавад.

3. Ба онҳое, ки бо медалҳои ҷашнии хотиротӣ сарфароз гардидаанд, якҷо бо медал гувоҳномаи дорои шакли муқаррарӣ супорида мешавад.

Гувоҳнома аз ҷониби шахсе, ки медали ҷашнии хотиротиро месупорад, имзо мегардад.

4. Медали ҷашнии хотиротӣ дар тарафи чапи қафаси сина пас аз мукофотҳои давлатӣ овехта мешавад.

**Замимаи 2**
**ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**аз 25 феврали соли 2025 таҳти рақами ФП-32**

# ТАВСИФИ

## медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги»

Медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» (минбаъд – медал) аз гудохтаи мис, ки бо зарҳали тиллоии ғафсиаш 0,25 микрон оро дода шудааст, тайёр карда мешавад ва шакли доираи қутраш 34 миллиметрро дорад.

Дар маркази тарафи рўйи медал, дар партави нури офтоб бо ранги нуқрагин муҷассамаи «Мадҳияи матонат»-и ба хотираи Зулфия Зокирова, ки бо ҷасорат ва сабру матонати бузург дар саҳифаҳои таърих нақш гузоштааст ва панҷ нафар писари аз фронт барнагаштаву келинҳои босадоқати вай, воқеъ дар маҷмааи ёдгории «Боғи Ғалаба», ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бунёд гардидааст, инчунин, дар пеши он тасвири Оташи абадӣ бо ранги зарҳалӣ акс ёфтааст.

Дар тарафҳои чап ва рости муҷассама чанбар аз барги сабзи ифтихорӣ ҷойгир буда, дар қисми поёни он рақами «80» навишта шудааст, ки солгарди ҷашнро ифода мекунад.

Дар дохили доираи барҷастаи гирдогирди ҳошияи медал навиштаҷоти «IKKINCHI JAHON URUSHIDAGI G'ALABANING» ва «YILLIGI» ҷой гирифта, баландии ҳарфҳо 2,5 миллиметрро ташкил менамояд.

Дар ақиби медал дар дохили доирае, ки диаметраш 28 миллиметр аст, дар ду сатр навиштаҷоти «XOTIRA – ABADIY», «VATAN – MUQADDAS», дар поёни он рақамҳои «1945-2025» навишта шудаанд, ки соли анҷоми Ҷанги дувуми ҷаҳон ва соли ҷашнро ифода мекунанд. Дар тарафи берунии доира хатҳо дар шакли нурҳои офтоб ҷойгиранд.

Навиштаҷот дар шакли барҷаста буда, зарҳалдавонӣ шудааст.

Ғафсии медал 3 миллиметр аст.

Медал бо гўшак ва ҳалқа бо ёрии колодка (қолаб)-и панҷгўша, ки бо матои шоҳии раҳдор дар рангҳои Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон оро ёфтааст, пайваст мегардад. Бари матоъ 24 миллиметр. Бари хатҳои кабуд, сафед ва сабз 7 миллиметр, бари хатҳои сурх 1,5 миллиметр аст.

Баландии колодка – 50 миллиметр, бараш – 45 миллиметр.

Дар ақиби колодка барои насби медал ба либос василае дар намуди сўзанак вуҷуд дорад.

**Медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги»**

Тарафи пеш




Тарафи ақиб




**Замимаи 3**
**ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**аз 25 феврали соли 2025 таҳти рақами ФП-32**

# ТАВСИФИ

## Гувоҳномаи медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги»

Гувоҳномаи медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги» (минбаъд – гувоҳнома) дар шакли китобча бо муқоваи винилии кабудранг дар андозаи 175х125 миллиметр мешавад.

Дар тарафи пеши гувоҳнома (саҳифаи аввал) 14 миллиметр поён аз канори боло, дар марказ калимаҳои «O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI» (бо ҳарфҳои калон, шрифти «Times new Roman Bolt», 12 кегл (дараҷаи калонии ҳарфи типографӣ)), аз он 10 миллиметр поён Нишони давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон ҷойгир мебошад.

Аз он 14 миллиметр поён дар се қатор калимаҳои «IKKINCHI JAHON URUSHIDAGI», «G'ALABANING 80 YILLIGI», «ESDALIK YUBILEY MEDALIGA» (бо ҳарфҳои калон, шрифти «Times new Roman Bolt», 11 кегл) ва 5 миллиметр поён навиштаҷоти «GUVOHNOMA» (бо ҳарфҳои калон, шрифти «Times new Roman Bolt», 16 кегл) сабт шудааст.

Навиштаҷот бо ранги тиллоӣ акс ёфтааст.

Тарафи даруни гувоҳнома (саҳифаҳои дувум ва сеюм) бо тасвири «Тангир» ҳаворанг буда, бо усули офсет чоп шудааст.

Дар маркази тарафи даруни гувоҳнома аз чап (саҳифаи дувум) шакли рангаи медали ҷашнии хотиротӣ, ки бо асли он баробар аст, тасвир ёфтааст.

Дар тарафи рости дохили гувоҳнома (саҳифаи сеюм) 8 миллиметр поён аз канори боло, дар марказ калимаҳои «O'zbekiston Respublikasi Prezidentining», «2025-yil___-fevraldagi», «Farmoniga muvofiq» (бо ҳарфҳои калон, шрифти «Times new Roman Bolt», 10 кегл) навишта шудааст ва барои сабти ном, насаб ва номи падари шахси мукофотонидашуда се хат кашида шудааст, ки байни онҳо 8 миллиметр мебошад.

Дар поёни сатри охир, дар марказ калимаҳои «IKKINCHI JAHON URUSHIDAGI», «G'ALABANING 80 YILLIGI» (бо ҳарфҳои калон, шрифти «Times new Roman Bolt», 11 кегл), «esdalik yubiley medali bilan taqdirlandi» (бо ҳарфҳои калон, шрифти «Times new Roman Bolt», 10 кегл) навишта шудааст.

6 миллиметр поёнтар аз он, дар марказ навиштаҷоти «O'zbekiston Respublikasi Prezidenti», «nomidan medal» (бо ҳарфҳои калон, шрифти «Times new Roman Bolt», 10 кегл) акс ёфтааст ва барои қайд кардани вазифаю имзои шахсе, ки медалро супоридааст, хат кашида шудааст.

Дар қисми поёни он навиштаҷоти «tomonidan», «20__-yil «___» __________da», «topshirildi» » (бо ҳарфҳои калон, шрифти «Times new Roman Bolt», 10 кегл) акс ёфтааст.

**Гувоҳномаи медали ҷашнии хотиротии «Иккинчи жаҳон урушидаги ғалабанинг 80 йиллиги»**







*Таъмини шуғли аҳолӣ*

# АЗ ҲИСОБОТ ТО ВОҚЕИЯТ: ЧАРО ФАРҚ КАЛОН АСТ?

***Бо кор таъмин кардани аҳолӣ барои коҳиши камбизоатӣ омили муҳим ба шумор меравад. Барои он ки дар вилояти Фарғона сафи бекорон беш аз пеш коҳиш ёбад, ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда мешаванд. Саволе ба миён меояд, ки ҷиҳати иҷрои дастурҳои Президент бевосита дар маҳалҳо иқдоми зарурӣ сурат мегирад ё на? Барои бо кор таъмин кардани он теъдоди аҳолӣ, ки дар манотиқи мухталиф шумори асосии бекоронро ташкил медиҳанд, чӣ гуна лоиҳаҳо мавриди татбиқ қарор дода мешаванд? Дар гузориш тафсилоти ҳамин мавзўъ аз равзанаҳои гуногун баррасӣ мегардад.***

Тавре ки аз суҳбат бо сухангўи Садорати коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғли аҳолии вилоят Ҷамшедбек Солиев бармеояд, соли сипаришуда бо мақсади таъмини шуғли аҳолӣ ва татбиқи тадбирҳое, ки бевосита ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона шудаанд, як қатор корҳои муфид ба анҷом расиданд. Аз ҷумла, барои расонидани кумакҳои молӣ, таъмин бо ҷойи кор ва амсоли он 17,8 миллиард сўм ҷудо карда шуд. Дар натиҷа 56,1 ҳазор нафар бекорон, аъзоёни оилаҳои камбизоате, ки ба феҳристи «Дафтари оҳанин» шомил шудаанд, инчунин шаҳрвандоне, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд, аз ин кумакҳо баҳраманд гардиданд.

– Бо ташкили ярмаркаҳо дар ин росто 34 ҳазору 572 нафар бо кор таъмин шуданд, ки як қисми онҳоро ҷавонон ва занону духтарон ташкил медиҳанд. Илова бар ин, дар давоми соли 2024 дар вилоят бо мақсади таъмини моддӣ ва ҳифзи иҷтимоии бекорон ба 168 нафар шахсони бекор кумакпулии бекорӣ таъин гардид. Ба онҳо аз ҳисоби Фонди давлатии шуғли аҳолӣ дар маҷмўъ 843 миллион сўм пардохта шуд, – мегўяд Ҷ. Солиев.

– Аз тариқи ташкили ярмаркаҳо эълон мекунем, ки дар кадом корхонаву ташкилот ҷойҳои холӣ мавҷуданд. Ин боис гардид, ки қариб аз 10 ҳазор иштирокчиёни ярмарка бештар аз ними онҳо бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. Ин корхонаву ташкилотҳо дастикам як ҳазору 200 нафарро ба курсҳои омўзишӣ ҷалб намуд. 776 нафари бекорон бо корҳои ҷамъиятии пулакӣ таъмин гардиданд, – иброз дошт сухангўи садорат.

**– Ҳар сол садҳо нафар баъди адои хидмати ҳарбӣ ба хона бармегарданд. Сарнавишти онҳо чӣ хоҳад шуд?**

– Соли гузашта дар маҷмўъ 2 ҳазору 589 нафар шаҳрвандон хидмати ҳарбиро адо намуданд. Аз ин ҳисоб 100 нафар дар қисмҳои ҳарбӣ хидматро давом медиҳанд. 676 нафаре, ки ба ҷойи кор ниёз доштанд, мувофиқи дархости ташкилоту корхонаҳо ба ҷойҳои холӣ ва квотавӣ ҷалб карда шуданд. 1 ҳазору 467 нафар аз роҳи инфиродӣ ба кор банд гардиданд. Боз 22 нафар барои кор дар Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ариза муроҷиат намуданд, 11 нафар ба курсҳои кўтоҳмуддат ҷалб карда шуданд, 215 нафар ба мактабҳои олӣ қабул шуданд.

**– Дар робита бо афроде, ки муддати иҷрои ҷазоро ба охир расонидаанд, чӣ метавон гуфт?**

– Ин ҳам масъалаи муҳим ва дар айни замон хеле нозук маҳсуб меёбад. Аз шаҳрвандоне, ки аз маҳбас баргаштаанд, 14 нафарро нафақахўрон, 7 нафарро маъюбон ва 17 нафарро афроде ташкил мекунанд, ки барои табобат ба муассисаҳои табобатӣ фиристода шудаанд.

Мо бо назардошти ин масъала ҷойҳои корӣ омода намудем, то ки баъди иҷрои муддати ҷазо ин афрод бекор намонанд. Ба таври илова метавон қайд намуд, ки соли 2024 ҳудуди 96 ҳазору 620 муҳоҷири корӣ ба ҷойи истиқомати доимии худ баргаштанд. Тавонистем, ки 94 ҳазору 204 нафари онҳоро бо ҷойи кор таъмин намоем.

Дарвоқеъ, зимни ташриф ба вилояти Фарғона Президенти мамлакат диққату эътибори роҳбаронро ба беҳбуди фаровонии аҳолӣ ҷалб намуда гуфт, ки аз ҳисоби ҷалби сармояҳои хориҷӣ ҷойҳои нави корӣ офарида шаванд ва қишри эҳтиёҷманди аҳолӣ манбаи даромад пайдо кунад. Барои иҷрои ин дастури Сарвари давлат дар ноҳияи Олтиариқ як ҳазор гектар замини адирҳои бекорхобида бо оби насос мавриди обёрӣ қарор гирифтааст.

Бино ба маълумоти дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят танҳо дар соли сипаришудаи 2024 ҷалби сармояҳои хориҷӣ мусоидат намуд, ки дар ин вилоят камбизоатӣ то дараҷае коҳиш ёбад ва ҷойҳои нави кор фароҳам оварда шаванд. 1 ҳазору 182 лоиҳа ба маблағи 1 миллиарду 34 миллион доллари ИМА татбиқ карда шудааст, ки барои фароҳам овардани зиёда аз 36 ҳазор ҷойи нави корӣ мусоидат намудааст. Гуфта мешавад, танҳо дар бахши саноат бо татбиқи 520 лоиҳа, ки маблағи 715 миллион доллари амрикоиро ташкил мекунад, беш аз 15 ҳазор кас дар вилоят бо ҷойи кор таъмин карда шуданд.

– Пеш аз фароҳам овардани ҷойи кор бояд масъалаи бо гази табиӣ ва неруи барқ таъмин кардани соҳибкорон ҳаллу фасл шавад. Ҳоло аз се ҳазор кулолони риштонӣ 80 дарсад дар кунҷи хона бекор нишастаанд. Зеро барои сохтани зарфҳои сафолин гази табиӣ ё барқ лозим аст. Канӣ ҳамон барқу газ? Дар фасли сармо ҳамеша таъмин бо газу барқ ҳамчун муаммои дараҷаи аввал мардумро нороҳат мекунад, – изҳор намуд блогер ва фаъоли ҷамъиятӣ Дилшод Болтабоев.

– Аксари кулолони риштонӣ, ки аз ҳисоби қарзҳои бонкӣ ба соҳибкорӣ рўй оварда буданд, иҷборан озими Русия шудаанд. Чунки роҳи дигари пардохти қарзи бонкӣ вуҷуд надорад, – иброз намуд Болтабоев.

– Вақте ки дар Русия машғули кор будам, хабар расид, агар муҳоҷир ба Ватан баргардад, ҳатман бо ҷойи кор таъмин мешавад. Қариб ҳафт моҳ гузаштааст, аммо ҳанўз дар ҷустуҷўи ҷойи кор сарсону саргардон гаштаам. Ба идораҳои гуногун муроҷиат кардам, аммо ягон натиҷа ба даст наомад. Ҳоло боз маҷбурам, ки барои хўрондану пўшонидани зану фарзандонам ба Русия равам. Роҳи дигари аз ин варта халосӣ ёфтанро танҳо дар муҳоҷират мебинам, – мегўяд як ҷавонмарди 30-32-сола, ки аз зикри номаш худдорӣ кард.

Магар маълумотҳое, ки дар ҳисоботи расмӣ қайд шудаанд, дур аз ҷанбаи воқеӣ мебошанд? Дар ҳар сурат бояд ба он ноил шуд, ки ҳисобот дар худ воқеиятро акс кунонад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Маълум, ки бидуни маҳсулоти хоҷагии қишлоқ зиндагии рўзмарраамонро тасаввур карда наметавонем. Барои таъмини аҳолӣ бо ин намуди маҳсулот таҷрибаву усулҳои нав ба нав ҷорӣ мегардад. Аз ҷониби Президент барои аҳолиро бо маҳсулоти босифати хоҷагии қишлоқ таъмин намудан сохтори нав ҷорӣ гардид, яъне бо кумак ва дастгирии давлат аз заминҳои наздиҳавлӣ ва иҷора босамар истифода бурда, ҳам бо ҷойи кор аҳолиро банд кардан лозим ва ҳам бо маҳсулоти босифати хоҷагии қишлоқ онҳоро таъмин намудан ба нақша гирифта шудааст. Ба ҳамин мақсад ба сифати таҷриба семинари миқёси ҷумҳурӣ дар вилояти Сурхондарё барпо шуд.***

# СЕМИНАР БАҲРИ РУШДИ СОҲАИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

Дар чорабинӣ аз тамоми ҳудудҳои кишварамон намояндагони вазорат, мутасаддиёни хоҷагии қишлоқ, тадбиркорону деҳқонони ботаҷрибаи соҳа ширкат намуда, корҳои дар ин самт амалишудаистодаро таҳлил ва муҳокима намуданд. Иштирокчиёни семинар ба ноҳияи Тирмиз, ба маҳаллаҳои «Баҳор» ва «Пешқадам»-и ноҳияи Ангор ташриф фармуда, бо ҷараёни парвариши маҳсулоти хоҷагии қишлоқи экспортбоб низ ошно гардиданд. Баъд аз ноҳияҳои Қумқўрғон ва Сариосиё дидан намуда, бо ҷараёни истифодабарии заминҳои наздиҳавлӣ ва парвариши ниҳолҳо шинос гардиданд.

Инчунин ба иштирокчиёни семинар таъкид гардид, ки таҷрибаҳои пешқадами вилоят дар дигар вилоятҳо низ ҷорӣ карда шавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ПОКИСТОН УРДУВУ РАСМИАШ АНГЛИСӢ, СУРУДИ МИЛЛИАШ ТОҶИКӢ-ФОРСИСТ

***Ба наздикӣ Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф бо сафари расмӣ ба Тошканд омад. Шубҳае нест, ки мулоқоти сарварони ду давлат ва ба имзо расидани санадҳои муҳим дар ҷараёни ин сафар ҳамкориҳои дуҷонибаро ба сатҳи нав мебардоранд.***

Покистон ҳам чун Ҳиндустони ҳамсояву ҳамҷавори хеш кишвари бостонӣ ва афсонавист. Вай аз ҷумлаи давлатҳои бузурги дунё ба шумор меравад. Беш аз 250 миллион аҳолӣ дорад. Аз ин нигоҳ дар дунё ҷойи панҷумро ишғол мекунад. Ин давлат соли 1947 баъд аз тақсим шудани ҳудуди Ҳиндустони тобеи Британияи Кабир ташкил ёфта, номи «сарзамини покҳо» – Покистонро гирифтааст. Ҳудудаш 881640 километри мурабба ъро ташкил медиҳад.

Покистон кишвари гуногунмиллат аст. Бино ба сарчашмаҳои Интернет дар он панҷобиҳо 45, паштунҳо 15, синдҳо 14, муҳоҷирон 7,5, балуҷҳо 3,5 фоизро ташкил медиҳанд. Аксарияти аҳолӣ мусулмон мебошанд, қариб 7 фоизи онҳо ба мазҳаби шиа мансубанд. Тоҷикон низ кам нестанд, бино ба маълумот бар иллати ҷанги хонумонсўз тоҷикони Афғонистон (беш аз 220 ҳазор) ба Покистон кўч бастаанд. Лекин тоҷикони маҳаллӣ (онҳоро свотиҳо ҳам мегўянд) беш аз як миллион нафарро ташкил медиҳанд. Зиёда аз 500 ҳазор ўзбекон ҳам муқими ин сарзамин мебошанд.

Дар Покистон забони урду мақоми давлатӣ дорад. Аммо бо ин забон танҳо 7 фоизи аҳолӣ гуфтугў мекунад. Ин забони мансуб ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дар асри XIII ташаккул ёфтааст. Дар таърих онро чун забони лашкар (урду) ҳам қайд намудаанд. Аз баъзе дўстони шарқшинос шунидаем, ки забони урду зодаи забонҳои ҳиндиву форсист. Аз ин сабаб аксари шумораҳо (сифр, як, ду, чор, панҷ...) форсӣ-тоҷикианд. Ин забон дар Ҳиндустон ҳам роиҷ аст, беш аз 3000 нашрия ба урду нашр мешавад. Дар баъзе музофоти шарқии Ҳиндустон забони урду мақоми расмӣ дорад...

Ин забон лисони хеле ширину ғанӣ ва хеши забони модарии мост. Ин санад кофист, ки суруди миллии (гимни) Покистонро (дар ин кишвар «Қавми тарона» мегўянд) мисол оварем.

Бино ба сарчашмаҳои расмию таърихӣ матни суруди миллиро яке аз шоирони маъруфи урдузабон Абуласар Ҳофизи Ҷоландҳарӣ соли 1952 навиштааст. Муаллифи оҳанг Аҳмад Ғулом Алӣ Чағла мебошад, ки онро то эҷоди матни гимн соли 1949, баъди эълони озмун ба ин рамзи расмии давлатӣ офарида буд. Лекин суруди миллӣ 13 августи соли 1954 қабул гардид. Яъне то соли 1954 суруди миллии Покистон фақат аз оҳанг иборат будааст. Инак таваҷҷуҳ фармоед ба матни суруди миллии Покистон, ки аз вожаҳои форсӣ-тоҷикиву арабӣ ғанӣ аст:

*Пок сарзамин шод бод*
*Кишвари ҳасин шод бод*
*Ту нишони азми олишон*
*Арзи Покистон!*
*Маркази яқин шод бод!*

*Пок сарзамин ко низом*
*Қуввати ухуввати авом*
*Қавм, мулк, салтанат*
*Поянда тобанда бод*
*Шод бод манзили мурод.*

*Парчами ситора ва ҳилол*
*Раҳбари тараққӣ ва камол*
*Тарҷумони мозӣ, шони ҳол*
*Ҷони истиқбол!*
*Сояи худои зулҷалол!*

Ва ин «Қавми тарона» ҳар рўз дар ин кишвари дўст ва зимни сафарҳои расмии сарварони давлати Покистони ба кишвари мо ва ғайра садо медиҳад.

Мавриди тазаккур аст, ки муаллифи ин шеър Ҳофизи Ҷоландҳарӣ соли 1958 ба Тоҷикистон омада, дар тантанаҳои ҷашни 1000-умин солгарди Одам-уш-шуаро Абўабдуллоҳи Рўдакӣ иштирок намуда, шеърҳояшро бо номи «Тоҷикистон» ва «Рўдакӣ» қироат кардааст.

Таҳияи
**Шоқаҳҳори МУҲАББАТЗОД.**

*Машъалони маориф*

# РОҲИ ОМӮЗГОРИИ ИНТИЗОР

Вақте ба синф дохил мешавад, гӯё худро дар як гӯшаи биҳишт ҳис мекунад. Ин ҷо ҳама дар мақоми гулу дар ҳукми диланд; ҳатто шогирдонаш ҳам... Онҳо ҷуфт-ҷуфт дар паси мизҳо гӯё мунтазири обу донаи илм нишастаанд.

Синф як лаҳза ба хоҳиши сукут тобеъ мегардад. Омӯзгор садои дузарби дили пур аз ҳаяҷони шогирдони худро баръало мешунавад – қалбҳои пур аз умед, лабрез аз орзуҳои наҷиб аҷаб оҳанге доранд. Ин оҳанги зебо, ки сурӯши ҳаёти ҳанӯз дур аст, танҳо ба гӯши шунаво ва қалби ошное мерасад... Ин замон ба рӯйи маҳтобии муаллим ҷуфт-ҷуфт чашмони ташнаи илм менигаранд. Аз ин нигоҳҳои окандаи меҳр дунёи вай батамом чароғон мешавад ва ба сар то пояш як гармии форам давида, вуҷудаш ба кадом ҳисси олие пур мегардад. Ин ҷо дунё ба ранг ва накҳати дигарест.

Хонандагон дар тасаввури ӯ гӯё як оғӯш ситора ҳастанд, ки аз паси мизҳои таълим ҳар кадом ба ранги алоҳидае ҷило медиҳанд ва дунёи Интизори муаллимро ба баҳори шукуфоне мубаддал мегардонанд.

– Ин лаҳзаҳо, ки дар муқобили шогирдон истодаву дарс мегӯӣ ва ҳарҷӣ медонӣ, ҳиҷо-ҳиҷо ба гӯшҳои онҳо мерезӣ ва сомеонат ҳам чун обчинак ё замини ниҳоят ташна гуфтаҳои туро ба ҷон мепазиранд ва дар варақи дил ҳак месозанд, басо дилангезу рӯҳбахш аст, – мегӯяд Интизор Муродуллоева ва аз тааҷҷуби ман ба шавқ омада, фавран изофа мекунад:

*Дарси муаллим ар-бувад,*
*замзамаи муҳаббате,*
*Ҷумъа ба мактаб оварад,*
*тифли гурезпойро.*

Ин байти олиро ман муддате зери лаб такрор кардаву лаззат мебарам ва зуд ба маънишиканиаш машғул мегардам. Ба тадорукоти муаллим зеҳн монда, андешаҳоямро ҷамъбаст мекунам: агар ҳама омӯзгорон мисли Интизор ба умқи чунин ҳикмат мерафтанд ва кори омӯзгории худро аз ин дидгоҳ ба низом медароварданд, сифати таълим, ки роҳбари давлат шабу рӯз дар андешаи баланд бардоштани он ҷон мекоҳонад, дар мактабҳо ба маротиб боло мерафт.



Дарсҳои Интизор Муродуллоева ҳамон «замзамаи муҳаббат»-ро дорад ва ҳар сухани ӯ аз дил берун омадаву дар дилҳои кӯчак, аммо ҳассоси шогирдонаш менишинанд. Чунки ин омӯзгор дар пеши Ватан, ҳукумат, волидон ва ниҳоят донишомӯзон масъулияти баланде ҳис мекунад. Аз ин ҷост, ки дар байни ҷамоаи омӯзгорони мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё мавқеи хосеро соҳиб буда, ҳам аз ҷониби роҳбарияти мактаб ва ҳам садорати шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия чун мутахассиси варзидаи таълими забони давлатӣ дар мактабҳои тоҷикӣ эътироф гардидааст.

– Аз роҳбари дабистонамон шоираи маҳбуби воҳаи Сурхон Саодат Сангинова сипосгузорам. Вай дар тарбият ва парвариши кадрҳои ҷавон эътибори ҷиддӣ медиҳад. Мактаб хонаи дуюми ӯст. Дӯст доштани ин даргоҳи муқаддасро аз апаи Саодат омӯхтаам. Вай бо ҳар навъ моро рӯҳбаланд месозад ва ба фатҳи қуллаҳои нав раҳнамун мегардонад, – мегӯяд Интизор Муродуллоева.

– Агар мактаб мутахассиси хуб дошта бошад, зуд обрӯманд мегардад. Хоса, ин омил барои мактабҳои тоҷикӣ хеле зарур аст. Муаллимони тоҷик набояд пешаи худро саҳл бигиранд. Ҳоло дар байни мактабҳои таълимашон ба забонҳои гуногун як навъ сабқат ноаён ҷараён дорад. Волидони мушоҳидакор инро зуд дарк мекунанд. Аз ин рӯ, муаллимони мактабҳои таълимашон тоҷикӣ набояд беғайратӣ нишон диҳанд ва боиси падид омадани афкори ғалате дар байни волидон шаванд. Замона аз мо талаб дорад, ки дучандон меҳнат кунем ва дар ҳифзи номусу номи миллат, мактабҳои миллии худ қад алам созем, – таъкид мекунад Саодат Сангинова. – Агар омӯзгорон хуб таълим диҳанд ва шогирдони онҳо дар макотиби олӣ бидуни мушкилии забонӣ дохил шаванд, фикри «нодаркории» мактабҳои тоҷикӣ нахоҳад роҳ ёфт. Ин андешаро аз пешу бар чен карда, 10 мактаби тоҷикии ноҳияи Бойсунро пеши назар меорам, ки дар пайи саҳлангориҳо, мутаассифона, сукут карданд.

И. Муродуллоева низ таъкид менамояд, ки агар дар илми сарфу наҳви забони тоҷикӣ саводи кофӣ намедошт, дар таълими забони давлатӣ ба шогирдон муваффақ намегашт.

– Аз забон ва адабиёти тоҷик шоири шодравон Абдулло Раҳмонро устоди худ мешуморам. Агар вай хуб дарс намедод, шояд имрӯз ман мутахассиси фанни забони давлатӣ намешудам, – мегӯяд И. Муродуллоева.

Аз суҳбатҳои гарми ин омӯзгори пешқадам дарёфтам, ки сирри тавфиқи ӯ ва шогирдонаш дар он будааст, ки забони модариашонро хуб медонанд ва дар ин росто мунтазам дониши худро такмил медиҳанд.

– Маҳз донистани забони модарӣ калиди ҷумла тавфиқҳо дар омӯхтани забонҳои дигар аст, – мегӯяд ӯ ва суҳбати мо оҳиста ба рӯзгори ин омӯзгор мекӯчад ва ман боз ҳам мутмаин мегардам, ки агар дар оила падару модар китобхон бошанд, фарзандон рӯ ба ин ганҷина меоранд.

Донишмандии Интизор ҳам ирсист, ба ӯ аз падару модари илмдӯсту китобдӯсташ мерос монда. Амаки Аводуллоҳ Муродуллоев ва холаи Муҳаббат Раҳмонова ҳашт духтари нозанинро ба дунё овардаву ба ҳар кадом таълими олӣ додаанд, ки имрӯз ҳаштхоҳарон дар ҷабҳаҳои гуногуни ҷомеа кор кардаву машъалаи илму маърифатро баланд мебардоранд.

Интизор вақте дар мактаби рақами 38 кор мекард, ба хурдсолон забони ӯзбекиро меомӯзонд, аммо чун корро дар дабистони рақами 82 оғоз намуд, ба дӯши ӯ таълими синфҳои болоиро гузоштанд. Худи ҳамон сол як шогирдаш – Лола Бобошарифова дар озмуни фаннии ноҳиявӣ ғолиб омада, дар зинаи вилоятии сабқат ширкат варзид. Аз ин баъд шогирдони вай мунтазам дар озмунҳо иштирок карда, ба устоду дабистонашон шуҳрат меоварданд. Интизор Муродуллоева номи чанде аз дастпарварони худро бо ифтихор ба забон овард, ки дар ин қатор номи Сайфура Шарифова, Омина Муҳибова махсус садо доданд. Аммо аз Фаришта Қурбонназарова (хонандаи синфи 11) махсус ёд овард, ки ӯ дар озмуни имсолаи донишомӯзон аз фанни забони давлатӣ дар миқёси ноҳияи Сариосиё ҷойи аввалро забт кардаву дар зинаи вилоятии он ҷойи сеюмро гирифт ва иштирок дар озмуни ҷумҳуриявиро ба даст овард.

Ман аз суханҳои боҳарорати Интизор дарёфтам, ки вай аз ду устоди худ – Зулфия Саломова ва Гулнора Равшанқулова ба ҷон сипосгузор аст. Зеро онҳо пояи дониши ӯро мустаҳкам гузоштаанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*1 март – зодрӯзи Зулфия*

# «ОМАД БАҲОРИ БАХМАЛ, САРСАБЗ КӮҲСОРОН...»

Бо чунин сатр оғоз меёбад яке аз шеърҳои шоир Зулфия, ки соли 1974 навишта буд.

Моҳи октябри соли 1950 маҷаллаи «Ӯзбекистон хотин-қизлари» ташкил ёфт ва ҳар ду дар таҳририяти ин маҷалла ба кор сар кардем. Апаи Зулфия муҳаррири бахши адабиёт ва санъат, камина ходими адабии бахши мазкур будам. Дертар ӯ сармуҳаррир ва ман ҷонишини сармуҳаррир интихоб шуда, 30 сол паҳлу ба паҳлу кор кардем. Дар тӯли сӣ сол аз апаи Зулфия на танҳо дарси таҳрир, хондани саҳифа ва ба чоп ҳозир намудани маҷалла, балки меҳру оқибат, одамгарӣ, сабр ва вафову садоқат барин фазилатҳои инсониро низ омӯхтам. Устод ҷамоаро на танҳо чун сармуҳаррир, балки ҳамчун модар сарварӣ мекард.



Гуфтан ҷоиз аст, ки апаи Зулфия ба ҳайати таҳрири маҷаллаҳои ҳамсоя – «Ғунча» ва «Гулхан» низ маслиҳатгӯй буд. Ходимони ин таҳририятҳо апаро ба камоли эҳтиром «онамиз» мегуфтанд. Воқеан, аз шеъру шахсияти апаи Зулфия бӯйи меҳру садоқат ва вафо меомад. Агар аз ман пурсанд, ки «Зулфия кӣ буд?» ҷавоб ин аст, ки ӯро аз ашъораш ҷӯед.

Роҳи пурмашаққати ҳаёт, ҷудоии барвақт аз ҳамсар, садоқат, муҳаббат, сабр... мавзӯи асосии шеърҳояш буданд. Ҳар як шеъри тозаи ӯро «нони гарми аз танӯр канда» меномидем. Шахсан ман Зулфияро бо шеъри «Баҳор дар суроғи ту омад» шинохта дар дилам ҷо карда будам. Дар ин шеър захмҳои дили шоир баръало намоён аст, ки гӯё онро теғи ҷарроҳ чок карда бошад:

*Дар гули бодому саҳроҳои хис,*
*Дар лаби гулҳову дарёҳо баҳор.*
*Дар пари мурғону боди мушкбез,*
*Водиҳои сабзу, паҳноҳо баҳор...*

Соҳиби ҳусни нотакрор ва қалами сеҳрнок – Зулфия вақте ин сатрҳоро ба коғаз мефуровард, ҳамагӣ 30 сол дошт. Ҳеч кас дар ин синну сол ба чунин дарду изтироб ва фоҷиа, ки дар шеър ифода ёфтааст, тоб оварда наметавонад. Ба ирода, сабру бардошт ва матонати апаи Зулфия ҳавасам меомад.

Ҳамчун роҳбар ба пурмазмун, хонданибоб ва мувофиқи дархости муштариён баромадани саҳифаҳо эътибори ҷиддӣ дода, бештар ба масъалаи ҷавонон ва маънавияти онҳо аҳамият медод. Бо ташаббуси Зулфия саҳифаи «Аз дафтари занону духтарон» созмон ёфт ва тавассути ин саҳифа занону духтарони эҷодкору китобхон рӯйи об мебаромаданд. Имрӯзҳо шогирдони апаи Зулфия шоир, нависанда, журналист, сухандон ва тарғиботчии маънавияту маърифатанд ва дар рушди ҳаёти пурмазмуни халқҳои кишвари мо ҳиссаи худро мегузоранд.

Бахусус, бино ба фармони роҳбари давлат таъсис дода шудани Мукофоти давлатии ба номи Зулфия дар роҳи ошкор ва интихоб намудани духтарони боистеъдод, илмдӯст, китобхон, санъаткор ва рағбатнок кардани онҳо нақши муҳим дорад.

***Аз китоби «Зулфия дар хотираи ҳамзамонон»-и Холида АҲРОРОВА,***
***Ходими хидматнишондодаи маданияти Ӯзбекистон.***

*Ахлоқ*

***Шукри Худованд, ки баъди ба даст даровардани истиқлоли давлатӣ дар кишварамон барои эҳёи рукнҳои исломӣ ва анъанаҳои миллӣ роҳи васеъ кушода шуд.***
***Беш аз сӣ сол аст, ки дар мамлакатамон барои эҳёи маънавияти миллӣ ва маърифати исломӣ чораҳои судбахш андешида мешаванд. Китобҳои динӣ, асарҳои алломаву донишмандон нашр шуда, дастраси мо мегарданд. Масҷиду мадрасаҳо кушода шуданд.***

# ФАРЗАНДАТОНРО ЧӢ ХЕЛ ТАРБИЯ МЕДИҲЕД?

Хусусан, дар солҳои охир бо роҳбарии Шавкат Мирзиёев ба тарбияи насли наврас эътибор боз ҳам пурзӯртар гардид. Дар дини мубини мо ба тарбияи фарзанд эътибори алоҳида дода мешавад. Чуноне ки Паёмбар Муҳаммад (с.а.в.) фармудаанд: «Ҳеч як падар наметавонад ба фарзанд беҳтар аз одоби нек чизе диҳад». Аз ин ҷо тарбияи фарзанд масъалаи муҳим аст.

Пӯшида нест, ки имрӯз телефонҳои мобилӣ ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти ҳар яки мо гардида, ҷавононро ба доми худ мекашад. Онҳо аз пагоҳ то бегоҳ телефонро аз дасташон намемонанд. Ҳатто дар вақти хӯроккӯрӣ ҳам хаёлашон дар телефон аст.

Дар натиҷаи истифодаи нодурусти телефон низоъҳои оилавию нохушиҳо дар байни зану шавҳар сар мезананд. Аз тарафи дигар амалҳои беҳаё тарғиб шуда, дар байни авлоди ояндаи мо шарму ҳаё, ибову одоб торафт заиф мегардад.

Ба чунин ҳолатҳо пеш аз ҳама мо – падару модарон айбдорем. Ба миллионҳо сӯм телефон харида медиҳему ба 30-50 ҳазор сӯм китоби бадеӣ намегирем. Мутаассифона, падару модароне низ ҳастанд, ки дар куҷо будани дӯкони китобфурӯширо намедонанд.

Аз худ фарзанди солеҳи дуогӯ, бофарҳангу хирадманд боқӣ гузоштан барои падару модар кори савоб аст. Бинобар ин, мо бояд фарзандони боодобу фозилро тарбия намоем. Ин вазифаи муқаддаси ҳар яки мост.

**Баҳодур БОТИРОВ,**
**имом-хатиби масҷиди Охунбобои ноҳияи Чуст.**

*Дар нигористон*

# «БОЗГАШТ»

***Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд - намоишгоҳи шахсии рассом Сардор Нӯъмонов таҳти унвони «Бозгашт – нафаси вақт» баргузор гардид.***



Дар намоишгоҳ, 50 асари рангтасвир ва 4 инсталлятсияи мавзӯӣ намоиш дода шуд, ки таъсири мутақобилаи табиат, техника ва экологияро тавассути санъат нишон медиҳанд.

Намоишгоҳ мавзӯъҳои: «Табиат ҳамчун санъат», «Манзараҳои илҳомбахши табиат», «Тасвирҳои афсонавӣ», «Иқтисодиёти сабз – урбанизатсия, энергияи барқароршаванда, коркарди такрорӣ», «Технология ва экология – зеҳни сунъӣ», «Ҳақиқати васеъшуда дар санъат»-ро дар бар мегирад. Дастгоҳе, ки дар даромадгоҳ ба намоиш гузошта шудааст, барои ифода кардани тавозуни байни технология ва табиат тарҳрезӣ шудааст.

Рассом яке аз намояндаи насли нави рассомони Ӯзбекистон буда, соли 1985 дар шаҳри Тошканд таваллуд ёфтааст. Ӯ хатмкардаи Донишкадаи миллии рассомӣ ва дизайни ба номи Беҳзод, узви Иттиҳодияи рассомони Ӯзбекистон мебошад. Асарҳои ӯ дар коллексияҳои шахсии ИМА, Фаронса, Олмон, Туркия, Тунис, Қазоқистон ва дигар кишварҳо маҳфузанд.

Сарлавҳаи намоиш бозгашти рассомро пас аз танаффуси тӯлонӣ ба эҷод ишора мекунад. Ӯ ният дорад, ки бо лоиҳаҳои нави худ дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ ширкат варзад.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

# ЭЪТИРОФИ БАЛАНДИ САҲМ ДАР РУШДИ ИҶРОГАРИИ САНЪАТИ МИЛЛӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ғуломҷон Ёқубов дар тӯли шаст сол барои санъат хидмат менамояд. Беш аз 45 сол ҳунарпеша дар Филармонияи давлатии Ӯзбекистон бо иҷро намудани сурудҳои дӯстдоштаи халқ фаъолият намуд. Ҳоло ин сурудҳо дар берун аз мамлакатамон низ садо медиҳанд. Интизоми ҷиддии Ғ.Ёқубов, муроотӣ ахлоқи ҳунарпешагӣ ва самимона хидмат намудан ба аҳолӣ, ҳатто дар дурдасттарин ноҳияҳо, шоистаи эътибор мебошад.

Дар шоми мусиқӣ Қаҳрамони Ӯзбекистон, ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон Муноҷот Йӯлчиева, Шоири халқии Ӯзбекистон Маҳмуд Тоир, Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Фаррух Зокиров баромад намуда, дар бораи роҳи эҷодии ба худ хоси Ғуломҷон Ёқубов ҳарф заданд. Шоистаи эътибор аст, ки ҳар сол дар арафаи рӯзи таваллуди худ санъаткор ба мухлисон барномаи калони консертӣ намоиш медиҳад. Соҳибҷашн мактаби нодири санъати иҷрогариро ба вуҷуд оварда, шогирдони зиёд тарбия намуд.

– Ғуломҷон Ёқубов дар ҳар ҷое ҳунарнамоӣ намояд, ӯ ҳатман фазоро бо нотакрорӣ ва гармии ба худ хос пур месозад, – мегӯяд Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Фаррух Зокиров. – Усули ӯ ва маданияти муошираташ, эҳтиром ба мухлисон барои ҷавонон намунаи равшани ибрат аст.

Сароянда бо истеъдоди баланд чӣ сурудҳои миллии классикӣ ва чӣ эстрадиро месароyad. Соли 1985 ба ӯ аз ҷониби ширкати «Мелодия» «Қартаи тиллоӣ» супурда шудааст. Дар солҳои истиқлолият санъаткори соҳибистеъдод бо орденҳои «Дӯстлик» ва «Эл-юрт ҳурмати» сарфароз гаштааст.

– Хушбахтам, ки эҷод ва меҳнатам дар роҳи мусиқа чунин олӣ арзёбӣ гардид, – гуфт Ғуломҷон Ёқубов. – Тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳам то ки минбаъд низ мухлисонамро бо таронаҳоям хушнуд созам. Дар назди Президентамон барои эътирофи баланд ва эътибор сари таъзим фуруд меорам.

Дар чорабинӣ сурудҳое танинандоз гардиданд, ки Ватан, муҳаббат ва садоқат, некӣ ва азми қалбро ба орзуҳои наҷиб васф мекунанд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

# САМАРАБАХШИИ ИСЛОҲОТ ДАР СОҲАИ СТАНДАРТОНӢ

***Имрӯзҳо дар кишварамон ҷиҳати рушди босуръати соҳаҳои иқтисод, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ, мутобиқ намудани рушди ҳар як соҳа ба стандартҳои ҷаҳонӣ, афзунсозии обрӯи байналмилалии кишварамон корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд.***

Аз ин лиҳоз яке аз вазифаҳои асосие, ки ҳар як давлат дар назди худ мегузорад, ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо маҳсулоте мебошад, ки ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи сифат ва бехатарӣ аз ҷиҳати танзими техникӣ ҷавобгӯ мебошад. Метавон гуфт, ки дар ин росто рушди соҳаи стандартизатсионӣ, ки дар байни системаҳои танзими техникӣ яке аз самтҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Бо мақсади боз ҳам амиқтар кардани ислоҳоти сохторӣ дар соҳаҳои танзими техникӣ, стандартизатсионӣ, сертификатонидан ва метрология, мутобиқ кардани соҳа ба стандартҳои байналмилалӣ, фароҳам овардани шароит ва ҷорӣ намудани усулҳои муосир дар равандҳои баҳодиҳии мутобиқсозӣ Фармони дахлдори Президент аз 27 феврали соли 2024 «Дар бораи чораҳои такмили минбаъдаи идоракунии давлатӣ дар соҳаи танзими техникӣ» ва Қарор «Дар бораи чораҳои ташкили фаъолияти Агентии танзими техникии Ӯзбекистон» қабул карда шуд. Агентии танзими техникӣ ба Девони Вазирон гузаронида шуда, Шӯрои ҷумҳуриявӣ оид ба рушди танзими техникӣ таъсис ёфт.

Дар ҷараёни нишасти матбуотӣ, ки аз ҷониби Институти стандартҳои Ӯзбекистон ташкил шуд, роҳбарони соҳа доир ба масъалаҳо, аз қабили тартиби мушаххаси қабули стандартҳои байналмилалӣ (EN, ISO, IEC) дар фаъолияти стандартизатсионӣ, таҳия ва тарҷумаи стандартҳои миллӣ, фаъолияти кумитаҳои миллии техникӣ, инчунин баҳодиҳии мутобиқсозӣ ва омӯзиши кадрҳо маълумоти муфассал доданд.

Маълум аст, ки имрӯз дар ҷумҳурии мо ҷиҳати аз нав дида баромадани системаи стандартизатсионӣ ва сертификатонидан бо роҳи мутобиқ кардани соҳаи танзими техникӣ ба талаботи байналмилалӣ ва азхуд намудани таҷрибаи кишварҳои пешрафта корҳои назаррас идома доранд. Дар ин самт дар назди Институти стандартҳо низ вазифаҳои муҳим гузошта шудааст.

– Яке аз корҳои амалие, ки институти мо бурда истодааст, афзунсозии фаъолияти кумитаҳои техникӣ мебошад, — мегӯяд директори Институти стандартҳои Ӯзбекистон Дониёр Қодиров. – Хусусан, шумораи кумитаҳои техникии назди стандартҳои Ӯзбекистон аз 25 то ба 32-то афзуда, IEC аз 36 то ба 159 расонида шуд. Ҳоло Ӯзбекистон иштирокчии 21 ва нозири 138 кумитаи техникӣ мебошад. Созмони байналмилалии стандартизатсия (ISO) дорои 25655 стандарт мебошад. Он 172 кишвари аъзо ва 844 кумитаи техникӣ дорад. Айни замон Ӯзбекистон узви комилҳуқуқи 17 кумитаи техникии ISO ва узви нозири 129 TC мебошад.

Аз ин лиҳоз, қонун «Дар бораи стандартизатсия», барои татбиқи тағйироти куллӣ дар соҳаи стандартизатсионӣ, сертификатонидан, танзими техникӣ ва ба сатҳи нав баровардани соҳа замина хоҳад буд. Қонун истифодаи ихтиёрии стандартҳоро муқаррар мекунад, ки бо талаботи ISO ва истилоҳоту мафҳумҳои байналмилалӣ ғанӣ гардонида шудаанд.

Тавре маълум аст, ҳамасола 14 октябр ҳамчун «Рӯзи стандартизатсия» таҷлил мегардад. Дар конференсияи илмию техникӣ, ки ба ин муносибат баргузор шуд, 68 нафар мутахассисони соҳа аз 23 вазорату ташкилот ва 12 нафар мутахассисони хориҷӣ ширкат доштанд. Дар озмун 6 нафар мутахассисони соҳа соҳиби ҷоизаи «Стандартизатори сол» ва як субъекти соҳибкорӣ соҳиби ҷоизаи «Сектори сифат» гардиданд.

Намояндагони кишвари мо дар олимпиадаи байналмилалии стандартизатсионӣ байни мактаббачагон, ки дар Ҷумҳурии Куриё баргузор шуд, соҳиби медали тилло ва нуқра гардиданд.

Дар солҳои охир аз рӯйи 73 ихтисоси таълимӣ 208 курси такмили ихтисос ташкил шуда, 135-тои онҳо дар Институти стандартҳои Ӯзбекистон 44-то онлайн ва 29-то дар формати мобилӣ баргузор шуданд.

Тибқи супориши Президент бо ташаббуси донишкада дар шаҳри Тошканд, Қорақалпоқистон, дар вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Ҷиззах ва Қашқадарё дар як муддати кӯтоҳ семинарҳои омӯзишӣ ташкил карда шуда, дар маҷмӯъ 3116 нафар мутахассисон аз субъектҳои соҳибкорӣ такмили ихтисос карданд.

Хулоса, диққати асосии имрӯза ба ҳамоҳангсозии системаи миллии стандартизатсия бо таҷрибаи ҷаҳонӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулоту хидматрасонӣ, инчунин ба равандҳои истеҳсолӣ ва афзунсозии рақобатпазирии онҳо дар бозорҳои хориҷӣ нигаронида шудааст.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Шодбош*

# ДИЛИ САРШОРИ МЕҲР ДОРАНД...



***Мегӯянд, ки ном, рӯз, моҳ, сол ва бурчи таваллуди ҳар як инсон ба хӯю рафтор, шеваи гуфтор ва тақдиру рӯзгори минбаъдаи ӯ таъсирбахш хоҳад буд. Агарчанд аксар ба ин эътимод надоранд, гоҳо дар ҳаёт бо шахсоне рӯ ба рӯ меоем, ки таъсири номашон ё солу моҳи таваллудашонро дар рафтору кирдору пиндори онҳо хуб мушоҳида мекунем.***

Вақте бо модари ғамхору меҳрубон, модаркалони дуогӯю боматонат, зани табибу эҷодкор Хосият Норова ҳамсӯҳбат мешавед, зуд мефаҳмед, ки байни ин бонуи баҳордилу баҳороин ва фасли шукуфоиву зебоӣ – баҳор вобастагие вуҷуд дорад.

Воқеан, ин зани ҳалиму хоксор дар рӯзи нахустини фасли баҳор, 1 марти соли 1944 дар гузари Чақари шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Солҳои ҷанг буд ва мардум бо ранҷу азоб умр ба сар мебурданд. Падари хонадон Рауфбобо ва модари меҳрубон Латофатбибӣ аз қудуми меҳмони нав шод шуда, бо умеде, ки кӯдак бахосият ояд ва ҳама мушкилоти ҷанг зудтар анҷом ёбад, духтараки худро Хосият ном ниҳоданд.

Хосият аз айёми кӯдакӣ духтари хушзавқ, хушахлоқ ва чолок буд. Бо ҳузури худ ба хонадон накҳату кайфияти баҳорро меовард. Бо лаҳни ширин, хушгӯйиву забони бурро ҳамаро шод мекард. Нозпарвари волидон буд. Аз ҳамон айёми таҳсил дар мактаби рақами 8-уми гузар ба хондан меҳри зиёд дошт. Баробари кумак ба корҳои модар, доим дарс мекард, китобу рӯзнома мехонд.

Пас аз пайвастани риштаи тақдири худ бо Зариф Норов низ аз ин амали дӯстдоштааш – китобхонӣ даст накашид. Ҳар гоҳе корҳои хонаро саранҷом мекард, зуд ба даст китоб мегирифт. Ҳатто фарзандони худро дар атрофаш ҷамъ карда, ҳамроҳ китоб мехонд. Аҳамият надошт, ки он тоҷикӣ буд ё ӯзбекӣ, ё ки русӣ. Якҷо мехонду мазмуни онро ҳамроҳ муҳокима мекарданд. Доим таъкид мекард, ки «Таърих такрор мешавад. Одамон ҳам шири хомхӯрдаанд ва дар аксар маврид хатои худро дубора такрор мекунанд. Яъне инсон ва замон бо ҳам муштаракback. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки фарзандони худро хуб таълиму тарбия диҳем, то онҳо аз таърихи худ огоҳ бошанд. Агар ворисони мо адабиёт, фарҳанг ва таърихи худро надонанд, аз одамӣ дур мешаванд, одаму одамгариро фаромӯш мекунанд».

Хосият ҳамеша фарзандонашро барои хуб хондан водор мекард. Сидқан мехост, ки онҳо дар боргоҳҳои таълими олӣ хонда, соҳибмаълумот гарданд, дар ҷомеа мақоми худро пайдо кунанд.

Бояд гуфт, ки роҳи ҳаёти ин бонуи меҳнатдӯсту заҳматписанд шебу фарози зиёд дорад. Дар зиндагӣ баробари нишот, талхиҳоро чашидааст. Фиреби дӯсту душманро дидааст. Азбаски тӯли солҳо парастори шифохонаи шаҳри Самарқанд буд, ба бисёр корафтодагон то ҳадде ҳамдарду ҳамроз шудааст.

Хосият Норова дар яке аз навиштаҳои худ таъкид мекунад, ки «солҳои пеш аз истиқлол буд. Аз ноомади кор ё сазои тақдир маро аз кор озод карданд. Хонашин шудам. Дар ҳамин байн шавҳарамро низ аз кор барканор намуданд. Рӯзгузаронӣ бениҳоят душвор шуд, то ҳадде, ки дар хона барои хӯрдан нон намонд. Шавҳарам ҳар субҳ паи ҷустуҷӯи кор мерафт. Агар корафтодае ёфт шавад, маблағи ночизе меовард. Агар ноомади кор гирад, дастхолӣ бармегашт. Панҷ нафар фарзанд доштем. Писарамон дар омӯзишгоҳи техникӣ мехонд. Дид, ки шароит вазнин, аз баҳри хондан баромад. Дар назди самбӯсапазе шогирд афтод. Субҳ мерафту поси шаб хаставу лакот бармегашт. Музди кори ҳаррӯзааш панҷ дона самбӯса буд. Бисёр шудааст, ки бо як дона самбӯса шабро рӯз кардаем. Тасаввур кунед, ки тӯли 24 соат танҳо як дона самбӯса мехӯрдем. Аммо барои ҳамин ҳам шукр мекардем. Чунки оилаҳои нодортари ба нонреза зор бисёр буданд».

Воқеан, дар он солҳо се духтари хонадон – Замира, Истода ва Ирода, ки дар донишгоҳҳои Тоҷикистон мехонданд, бинобар ноороми замон ба хона баргашта, хонанишин буданд. Аз ин рӯ, писарони хонавода – Мурод ва Икром бо хоҳиши модар, ки ҳамеша «писарон имкони ҳунаромӯзӣ доранд ва метавонанд дар ҳаёт роҳи худро мустақил дарёбанд, аммо барои духтарон ин мушкилтар аст. Бинобар ин, онҳо бояд хонда, соҳиби ихтисосу кор шаванд» мегуфтанд, аз пайи кор шуданд. Меҳнат карда, ҳунар омӯхтанд. Ба маъноe баҳри таҳсили хоҳарбузургҳои худ имкон фароҳам карда, такягоҳи волидон шуданд.

Шояд ин ҳама пасту баланди зиндагӣ, талху ширини умр боис шудааст, ки Хосият ба китобу китобхонӣ майли бештар пайдо кунад. Дар лаҳзаҳои мушкилтарини ҳаёт марҳами дилрову ҳамдаму ҳамрозро аз китоб ҷӯяд.

Дар ҳақиқат, Хосият Норова чун бонуи бедордилу заҳматписанд, ҳамеша мекӯшид, ки дар ҳаёт сарбаланду муваффақ бошад. Ба ташвишҳои рӯзгор сар ҳам накарда, барои ояндаи дурахшон талош намояд. Шуълаи умеди дилро фурӯзон нигоҳ дошта, ба ҳама ёрӣ расонад ва дуои пиру ҷавонро бигирад.

Бовар дошт, ки рӯзҳои нек дар пеш ва ба он рӯзҳо танҳо бо меҳнати ҳалол, одаму одамгарӣ, ростқориву ростгӯӣ расидан мумкин аст. Ин буд, ки доим аз таҳти дил меҳнат кард, барои ободии рӯзгор талош намуд, дуои хусуру хушдоман ва хешу бегонаро гирифт.

Гоҳо дар тинати худ ҳолати аҷиберо пай мебурд. Андешаҳои ҷолиб дар сараш пайдо шуда, як қувваи ноаён ӯро барои навиштан водор мекард. Ин буд, ки гоҳгоҳ мулоҳизаҳояшро рӯйи коғаз меоварду танҳо баъд аз ҳамин худро оромтар эҳсос менамуд. Ботинан пай мебурд, ки бояд қалам ба даст гирад, рӯ ба эҷод оварад ва ҳамин тавр ҳам кард.

Бояд гуфт, ки мо бо ҳам маҳз ба туфайли эҷод шинос шудем. Таърихи шиносоӣ, суҳбату вохӯриҳои хотирмон, маслиҳатҳои судманд, роҳнамоӣ ва ғамхориҳои Хосиятмомо, ки каминаро чун набера дониставу доим ҳол мепурсанд, достонест дигар.

Тӯли солҳост Хосият Нороваро мешиносам ва дар симои ин бонуи эҷодкор як модари фариштахӯи ғамхор, модаркалони дӯогӯю дилаш аз меҳр саршор, як зани вафодору фидокорро мебинам, ки умри худро баҳри беҳбудии дилбанду ҷигарбандонаш бахшидааст.

Вақте китоби «Созу сӯзу рози умр» ё дар рӯзномаҳои «Овози Самарқанд», «Ховар» ва дигар маҷаллаҳо мақолаву андешаҳои Хосият Нороваро мехонед, бо розҳои дили ин зани солеҳаву меҳнатқарин, созу сӯзҳое, ки дар ҳаёт аз сар гузаронидааст ва ё ба чашм дидааст, бештар ошно хоҳед шуд.

Ҳоло Хосиятмомо дар иҳотаи панҷ фарзанд, ки ҳар яке дар зиндагӣ мақому мавқеи худро доранд, инчунин 14 набераву 6 абера хушу хурсанд гашти пирӣ меронанд. Ба қавле роҳати меҳнат ва мукофоти амалҳои хайру шоистаи худро мебинанд. Агарчанд синнашон дар ҳаштоду як аст, ҳоло ҳам дили ҷавон ва чеҳраи чун гулҳои баҳор шукуфон доранд. Доим шукронаи зиндагӣ карда, то кунун китоб мехонанд, бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ эҷод мекунанд.

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД.**

## БАҲОР

*Аз нишоти ошиқон ҷонро хабар овар, баҳор.*
*Бар дили маҳзуни мо шавқу шарар овар, баҳор,*

*Маскани зебопарастон гар шабистон гаштааст,*
*Хонадони ишқро файзи саҳар овар, баҳор.*

*Андар ин ғамхона моро ҳосил аз сардӣ набуд,*
*Оташи ишқи илоҳӣ бештар овар, баҳор.*

*Дар дабистони муҳаббат хешро гум кардаам,*
*Баҳри пайдо карданам нури басар овар, баҳор.*

*Коми булбул бе гулистон хушк мегардад, ба ӯ,*
*Аз бари домони худ гулҳои тар овар, баҳор.*

*Чун Саодат мепарастад ҳар дами ширини ту,*
*Ширае дар рӯзгораш чун шакар овар, баҳор.*

**Саодат САНГИНОВА.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

## МУЖДАИ БАҲОР

*Накҳату бӯйи баҳорон мерасад,*
*Нам-нами хуш, бӯйи борон мерасад.*
*Ҳамчу печак бар тану андоми мо,*
*Шавқу шодӣ гул ба домон мерасад.*
*Гул зи байни майсаҳову сабзаҳо,*
*Гӯё ки ханд-хандон мерасад.*
*Турнаҳо дар осмон чун ресмон,*
*Аз садошон гармии ҷон мерасад.*
*Маҳви эҳёи табиат гаштаем,*
*Бар дили мо пайки армон мерасад.*
*Омадӣ хуш, эй баҳори нозанин,*
*Пой ту чун пойи меҳмон мерасад.*

***Лутфияи БУХОРОӢ.***

*Вилояти БУХОРО.*



*Варзиш*

## ТИРҲОИ НИШОНРАСИ ТИЛЛОӢ

***Дар шаҳри Бангкок (Таиланд) чемпионати Осиё оид ба камонварӣ дар байни бонувон баргузор гардид, ки дастаи мунтахаби Ӯзбекистон пирӯз шуда, медали тиллоиро ба даст оварданд. Ба шарофати онҳо парчами кишвари азизамон баланд бардошта шуда, мадҳияи мо танинандоз гардид.***

Ба ин комёбӣ варзишгарон Зиёдахон Абдусатторова, Нилуфар Ҳамроева (Тошканд) ва алалхусус, талабаи бахши дуюми факултаи тарбияи ҷисмонии Донишкадаи Ӯзбекистон – Финландия Ҷасмина Нурманова саҳми арзанда гузоштанд.

Таъкид бояд намуд, ки моҳи марти соли ҷорӣ дар Туркия мусобиқаи камонварӣ баргузор мешавад ва варзишгари самарқандӣ шарафи кишварро дар он ҳимоя мекунад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

**Ба муносибати 70-умин солгарди зодрӯзи Абдулло Субҳон**

# ШОИРЕ АЗ МАРЗИ ХУРШЕД



Узви иттиҳодияҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Абдулло Субҳон аз шоирони баландному соҳибмақом ва пешгоми ҳавзаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон маҳсуб шуда, бо қаламфарсоӣ солҳои зиёд аст, ки шеъри тоҷики ин муҳитро берун аз он дар кишварҳои ҳамзабон ҳам муаррифӣ намуда, ба таҳсини онҳо сазовор гардидааст. То ба имрӯз аз ин шоир маҷмӯаҳои «Мушки субҳ», «Нидои сарбадор», «Уфуқи пиндор», «Гарди анҷум», «Фарёди сукут», «Ману мурғи чаман як нола дорем» ба дасти мухлисони каломи бадеъ расидаанд, ки фарогири рубоиву дубайтӣ, ғазалҳо, шеърҳои озоду нимоӣ ва сафеди ӯянд. Аз ин анвои мухталифи таркибии ашъори Абдулло Субҳон метавон натиҷа бардошт, ки ӯ на танҳо тибқи суннатҳои адабӣ шеър мегӯяд, балки дар қолабҳои наву имрӯзии шеъри тоҷик низ ба тавонмандӣ розу ниёзашро баён мекунад. Аслан номгузориҳо барои китобҳои ашъор худ нишондиҳандаи маҳорати эҷодӣ ва майли тасвиргароиҳои шоир аст. Дар як нишасти адабӣ дар Самарқанд, ки бо устодони назм ва насри тоҷик Абдулло Субҳон ва адиби номӣ Юнуси Имомназар баргузор гардида буд, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд устод Садрӣ Саъдиев зимни сухан аз вазъи шеъру шоирӣ ва ҷойгоҳи шоирон дар ҳавзаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон Абдулло Субҳонро «Лоиқи шеъри тоҷик дар ин сарзамин» хонда буданд.

Агар ба хидматҳои шоир дар соҳаи маорифу матбуот, кӯшишу талошҳои ӯ дар ҷодаи шеъри тоҷик ва пешбурди он нигоҳе андозем, итминон ҳосил мешавад, ки устоди суханшинос ин таърифро санҷида гуфта будаанд. Зеро Абдулло Субҳон аз дер боз ҳамчун рӯзноманигор ва чакомасаро бо ҳиммат ва фурӯтанӣ бори заҳмат мекашад ва навиштаҳояш дар мавзӯи муҳими рӯз молики эътибор ва аҳамиятанд. Чунончӣ, дар навиштаҳои охирин ӯ аз вазъи ногувори макотиби тоҷикӣ дар кишвар, масъалаи китобҳо ва таълими донишомӯзон ҳарф зада, ҳамзабонон ва масъулонро ба огоҳӣ ва салоҳҷӯӣ даъват кардааст. Огаҳӣ аз вазъи замон, хештаншиносию хештандорӣ ва муҳаббат ба зодгоҳу ватан аз мавзӯъҳои умдаи шеъри ӯянд.

Аз сӯйи муҳаққиқони зиёд ба риштаи таҳқиқ кашида шудани ашъори шоир далели равшани аҳамияту арзиши осори ӯст. Аксари онҳо бар ин фикранд, ки Абдулло Субҳон ба гуфтани рубоиву дубайтӣ маҳорати баланд касб намудааст. Чеҳраи шоирии Абдулло Субҳонро ба гумони ғолиб бештар дубайтию рубоӣ ва шеърҳои нимоию сафедаш миёни дӯстдорони шеър муаррифӣ намудаанд. Ҳавзаи адабии кӯҳистони Нурато ду симои барҷаста – Абдулло Субҳон ва Паймонро ба муҳити адабии Ӯзбекистон додааст, ки имрӯз чеҳраҳои муътабар ва асаргузори адабиёти тоҷики ин минтақа маҳсуб мешаванд ва бештари рубоиву дубайтиҳо ба қаламиı ин ду шоир мансуб аст. Чунончи, дар китоби «Ману мурғи чаман як нола дорем», ки соли равон ба табъ расидааст, 228 дубайтии Абдулло Субҳон дар ҳоли тасниф ба ҳафт фасл бо унвонҳои «Ишқи заминӣ», «Ба қалам», «Ба модарам», «Парасту», «Тоҷикнома», «Маҳрами роз» ва «Синтабнома» оварда шудааст. Дар сарсухани китоб академик Абдуҷаббор Раҳмонзода дар боби мазмун ва моҳияти рубоиву дубайтиҳои шоир чунин изҳори назар намудааст: «Дар рубоиву дубайтиҳояш шоир доираи мавзӯи шеърҳояшро тавсеа мебахшад ва баробари васфи зебоии табиат дунёи отифии инсон ва муносибати ӯро ба ҳаёт, одамони гуногунхулқ мавриди тасвир қарор дода, барои дарки дурусти фалсафаи зиндагӣ талош мекунад ва моҳияти некиву бадӣ, хайру шарр ва мардиву номардии одамонро бо диди ҳакимона баён месозад».

Зимнан бояд гуфт, ки гузашта аз рубоӣ шоир бори мазмунҳои ҳикамию фалсафиро низ бар зиммаи дубайтӣ, ки маъмулан барои мазмунҳои ғайрифалсафӣ, аз қабили андешаҳои офаринишу зиддиятҳои зиндагонӣ ва ахлоқи инсон гуфта мешуд, гузоштааст:

*Чӣ хуш, ё Раб, ки инсон офаридӣ,*
*Бигӯ, аз чӣ на як сон офаридӣ?*
*Якеро пок монанди фаришта,*
*Якеро ранги шайтон офаридӣ.*

Ҳар шоир дар баробари изҳори назараш дар бораи одаму олам, мароми ормонҳои эҷодии худро низ дорад. Абдулло Субҳон, ончунон ки аз навиштаҳояш бармеояд, аз ҷумлаи он шоиронест, ки дар ин ҷода ба дунболи орзуҳои баланд роҳ мераванд ва аз пайи ба даст овардани дили алоқамандони каломи бадеъ ҳастанд. Шоир шеъри самимӣ, муассир ва нав мехоҳад, то «дар пайкари ҳар шеър ҷон бошад», то бар дили хонанда баҳор оварад:

*Насими фасли гул ҷодудам ояд,*
*Табассум бар лаби гул пайҳам ояд.*
*Суханро ончунон берун каш аз дил,*
*Баҳоре дар дили ҳар одам ояд.*

***

*Дар кӯраи ҳар сина дили сӯзон нест,*
*Ҳар ахтари тоқи арш нурафшон нест.*
*Шоир чӣ зиёд асту китоби ашъор,*
*Дар пайкари ҳар шеър валекин ҷон нест.*

Услуби шоир равшан, содаву равон, бо пироъяҳои бадеӣ аз лутфу киноя, тавсифу ташбеҳ, маҷозу истиора ҳастанд ва андешаҳои баланди иҷтимоии шоир бо эҳсосу отифаҳои муассир ба қалби хонанда асаргузор аст.

Дар баробари шоироне, ки дар назм ба суннатҳои адабӣ эҳтиром гузоштаву эътибори бештар зоҳир мекунанд, Абдулло Субҳон бо назари ибратбин дӯхтан ба шоирони пешгому навовари замон ва ҳамзабон, дар қолабҳои нави шеърӣ низ, ки ба эҷодкораш майдони ковишу ҷустуҷӯҳои эҷодиро густурдатар месозанд, шеър мегӯяд дар қолаби озоде чун нимоӣ ва сафед.

Шоир дар шеърҳои нимоияш кӯшиш мекунад доираи мавзӯъро тавсеа бахшад ва тасвирҳои тозаро ҳам ба кор гирад. «Ғуруб»-и ӯ аз ҳамин гуна шеърҳост, ки дар он тасвири моҳро фурӯ бурдани тимсоҳи ғуруб бо илҳом аз афсонаҳо гуфта шудааст. Қаҳрамони лирикӣ дар он ба ранги мубоaризони афсонавӣ, ки дар муқобили тирагиҳо ба ҷанг мебароянд, намудор гардидааст. Дар поёни шеър ҷасуриву ҷуръати ин қаҳрамон равшан ба назар мерасад:

*Ғуруб дар арш,*
*Ғурубе ғуссазо дар арш.*
*Даҳони сурхи тимсоҳи сияҳ боз аст,*
*Миёни арраҳои тези дандонаш тапад Хуршед.*
*Танаш хунин,*
*Сиришкаш арғувониранг,*
*Зи хунаш домани поки уфуқ рангин...*
*Дилам танг аст,*
*Миёни абрувонам чину ожанг аст.*
*Ба ман асбе,*
*Камону тиру шамшере!*
*Парам то арш,*
*Дили тимсоҳи шабро бар нишон гирам,*
*Зи комаш офтоби хунфишон гирам.*
*Ки бе Хуршед хуршеди умеду ормоне нест,*
*Баҳори зиндагонӣ нест...*
*Ба ман асбе!*

Тасвире зебо аз лаҳзаи ба шом пайвастани рӯз ва расидани торикӣ ба вуҷуд омадааст. Хаёли рангини шоирона аз дидани ин лаҳза барангехта шуда, чунин нигораи романтикиро ба вуҷуд овардааст. Шоир хуршедро умедбахшу ормони ҷаҳониён талқин мекунад, ки воқеан гармии баҳори зиндагӣ аз вай аст. Хонанда ба ёди қаҳрамонҳои афсонавӣ меафтад. Ба ҷуз аз Хуршеди осмон дар дили инсонҳо низ хуршеде ҳаст, ки аз вай гармӣ мегирад...

Дар остонаи 70-солагӣ ба ин шоири барӯманд ва гиромӣ, инсони фурӯтану ҳалиму нармсухан тандурустӣ, умри Саъдиёна, нерӯи нотамоми эҷодӣ, дилгармӣ ва шодиҳои фаровон орзумандем. Килкашон ҳамеша шакаррез бод!

**Дилшоди ФАРҲОДЗОД,**
**дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

***Абдулло СУБҲОН***

## ДАР ПОЙИ КӮҲИ ҒАЗАЛ

*Зодрӯзам як шаби фасли баҳорон будааст,*
*Вақти эҳёи табиат, баъди борон будааст.*

*Фурсати лабрезии дарёи ҷонафзои Сир,*

*З-оби рӯду чашмаҳои кӯҳсорон будааст.*

*Лаҳзае, ки аз нафасҳои насими рӯҳбахш,*

*Муғҷабандӣ дар хаёли шохсорон будааст.*

*Айни вақти вошуданҳои гули бодоми кӯҳ,*

*Соати хамёзаҳои обшорон будааст.*

*Даврае, ки дар дили гарми замин набзи дигар,*
*Манзили бобои деҳқон киштзорон будааст.*

*В-он даме, ки ҷоми лола дар кафи кӯҳу камар,*
*Мисли ҷоми май ба дасти майгусорон будааст.*
*Боғҳои истироҳат, соҳили анҳори сабз,*
*Хилвату меодгоҳи дӯстдорон будааст.*

*Орзуи дидани Наврӯз – арӯси нозанин,*
*Дар дили муштоқи садҳо интизорон будааст.*

*Гӯшаи методӣ*

# ДАРСИ КУШОД ДАР БОРАИ НАВРӮЗ

***Зуд-зуд гузаронидани дарсҳои кушод дар дабистони таълими умумии рақами дувуми ноҳияи Сӯх ба анъана табдил ёфтааст. Дар ин бобат устодони синфҳои ибтидоӣ фаъолнокии бештар нишон медиҳанд. Зимнан, дарс агар шакли асосии ҷараёни таълим аст, дар дарсҳои кушод устодон маҳорати педагогиашонро равшантар зоҳир намуда ва агар ин навъ машғулият воқеан намунавӣ гузарад, имкон пайдо мекунанд беҳтарин таҷрибаи ғункардаи худро ба ин восита оммавӣ гардонанд.***

Фасли баҳор расид. Омӯзгори синфи сеюми «в» Гулафзо Қамбарова ҳамкасбон ва роҳбарияти дабистонро ба дарси навбатии кушоди худ аз фанни саводомӯзӣ дар мавзӯи «Наврӯз – рӯзи нав» даъват намуд.

Аз лаҳзаҳои аввали дарс маълум гашт – чи хонандагон ва чи омӯзгор – доир ба мавзӯъ пешакӣ тайёрии мустаҳкам дидаанд. Дарс ғайрианъанавӣ оғоз ёфт, яъне баъди ҳозиру ғоиб якбора мавзӯи нав эълон гашт ва ба ҷойи баёни мавзӯъ муаллим лавҳае, яъне воситаи аёниеро ба тахтаи синф овехт, ки саволномаҳо дар бораи Наврӯзро фаро мегирифт. Бачаҳо даст бардоштанд ва бо навбат ба саволҳо пухтаву бурро ҷавобҳо гардонданд.

– Наврӯз иди баҳор, мавсими киштy кор аст, ки мардуми мо баҳри истиқболи он омодагии ҳарҷониба мебинад. Дар арафаи ҷашн, мисли он ки меҳмони азиз меомада бошад, ҳама ҷоро саранҷому саришта мекунанд. Фаъолони маҳалла аз ҳоли шахсони ночор, пиронсолон ва маълулону беморон хабар мегиранд, ҷавонон дар таъмири манзил ё худ киштукор ба эҳтиёҷмандон кумак мекунанд, бехи дарахтонро сафед менамоянд, ба адовату кина хотима гузошта, қаҳриҳо оштӣ мешаванд, пиронсолон низ дар канор наистода, дар маъракаи ниҳолшинонӣ иштирок мекунанд, аз таҷрибаҳои ҳаётиашон нақлҳо менамоянд, пухтани суманак ё ҳар хел таомҳои дигар аз гиёҳҳои шифобахши баҳорӣ, гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ ба анъана табдил ёфтаанд, гуфтанд хурдтаракон.

Баъд аз он хонандагон аз нақшаҳои шахсии худ ҳарф заданд, гуфтанд, ки ба ҷашни пешистода чӣ хел тайёрӣ мебинанд, бо чӣ гуна корҳои амалиашон барои сазовор истиқбол гирифтани Наврӯз саҳм гирифтаниаnd.

Муаллим низ дар бораи Наврӯз, маънову моҳият ва таърихи пайдоиши он нақл кард, ҷавобҳои толибони илмро пурратар намуд, таъкид сохт Иди баҳор ҷашни милливу суннатии халқи мо буда, онро дар Ӯзбекистони Нав бо шукӯҳи хоса таҷлил месозанд.

Шеъру таронаҳои мардумӣ дар васфи Наврӯз ва аввалбаҳор дар иҷрои хонандагони синф Нурона Нурматҷонова, Одина Фарҳодҷонова, Румайсо Маҳмадмӯсоева, Садриддин Орифҷонов, Маҳмадалӣ Маҳмадалиев, Фирӯз Икромҷонов, Абубакр Адҳамҷонов, Шаҳром Нарзиддинов, Абдуфаттоҳ Замиров қобили таваҷҷуҳ буд.

Дар поёни дарс муаллим дигарбора оиди Наврӯз, ки дар мекӯбад, фикрҳои хулосавии худро гуфт, хонандагонеро, ки фаъол буданд, рағбатнок намуд.

Дар ҷамъомади навбатии иттиҳодияи методӣ дарси кушоди зикршуда мавриди муҳокима қарор дода шуд. Устодон – назоратгарони дарси кушод Суҳроб Муродов, Меҳрубон Ҳоҷиева, Ганҷина Мирзобекова изҳор намуданд, ки ороиши синф, истифодаи самаранок аз воситаҳои аёнӣ – манзараҳои табиат, хусусан, сурату нигораҳое, ки баҳори оламороро дар худ инъикос кардаанд, ҷолибияти бештари дарси кушодро таъмин сохтанд. Ҳамчунин тавсия дода шуд, ки нақл аз рӯйи расм, хониши ифоданок аз рӯйи ашъори классикон дар бораи Наврӯз, айни замон азёд хонданд хонондани беҳтарин порчаҳои насрӣ аз адабиёти тоҷик оиди баҳор ва табиат низ барои боз ҳам рангоранг сохтани дарси кушод ҷиҳатҳои муҳим мебошанд. Вақт хеле кам – ҳамагӣ 45 дақиқа, лекин агар ҳар як сония самаранок истифода гардад, муаллим дар дарси кушод ба комёбиҳои аз ин ҳам бештар даст ёфтанаш мумкин.

**Гулбаҳор ШОДИЕВА,**
**роҳбари иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоии дабистони рақами дувуми ноҳияи Сӯх.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 3750. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.